*Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон!*

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№ 46 (642), 27 ноябри соли 2025

Нашрияи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон

# МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



**25 ноябр таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Ҳукумати кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар маҷлис, нахуст, гузориши вазири энергетика ва захираҳои об Далер Ҷумъа дар бораи Барномаи рушди соҳаи энергетикаи барқӣ барои солҳои 2026-2030 шунида шуд.

Таъкид гардид, ки лоиҳаи қарори мазкур бо мақсади "Таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самараноки энергияи барқ", ки яке аз ҳадафҳои калидии Стратегияи миллии рушди ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Зикр гардид, ки дар натиҷаи амалӣ намудани Барнома ба даст овардани натиҷаҳои зерин дар назар аст, аз қабили 2680 МВт иқтидори нави истеҳсолии энергияи барқ аз ҳисоби неругоҳҳои барқи обии нав, 253 МВт иқтидори иловагии истеҳсоли энергияи барқ аз ҳисоби азнавсозии неругоҳҳои амалкунанда ва барқарор гардидани 440 МВт иқтидорҳои аздастрафта бинобар фарсуда будани таҷҳизот, 1500 МВт аз ҳисоби энергияи офтоб, то ба 3 дарсад расондани сатҳи талафоти энергияи барқ дар шабакаҳои интиқоли барқ, то 9 дарсад расондани сатҳи талафоти энергияи барқ дар шабакаҳои тақсимоти барқ ва ба 5 млрд.киловат соат расонидани содироти энергияи барқ.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро вазифадор намуданд, ки барои амалигардонии Барномаи мазкур ва нақшаи чорабиниҳои он чораҳои дахлдор андешида, аз натиҷааш ҳар сол маълумот манзур намоянд.

Ҳамчунин, дастур дода шуд, ки мавзуи мондани панелҳои офтобӣ дар хонаҳои мардум ва васлу ҳамоҳанг намудани онҳо бо шабакаҳои барқии кишвар омӯхта шавад. Ғайр аз ин, таъкид гардид, ки фарҳанги истифодаи сарфакоронаи неруи барқ дар байни мардум васеъ тарғиб карда шавад. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки ба хотири бартараф кардани камбудиҳои дар соҳаи энергетика ҷойдошта таҳия шудааст, дар маҷлиси навбатӣ баррасӣ гардид. Гуфта шуд, ки дар Қонуни мазкур барои истифодаи ғайриқонунии қувваи барқ, аз ҷумла барои истеҳсоли криптовалюта пурзур намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст.

Баъди муҳокима лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет" барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Дар идомаи маҷлис, ҳамчунин, Барномаҳои давлатии рушди соҳаи фарҳанг ва санъат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030, рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030, рушди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030, Барномаи рушд ва рақамикунонӣ дар мақомоти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 ва Барнома оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва гепатитҳои парентералии вирусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030, муҳокима гардида, хулосаҳои даркорӣ бароварда шуд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба иҷрои масъалаҳои дар маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳгардида ба масъулини сохторҳои давлатӣ дастуру супоришҳо доданд. Дастурҳои дигар оид ба масъалаҳои мубрам, аз ҷумла захираи кофии маводи хӯрока, дар сатҳи баланди ташкилӣ гузаронидани зимистон, омода ва бо риояи қоидаҳои агротехникӣ кишт кардани заминҳои кишоварзӣ, вусъати корҳои ободонию созандагӣ ба истиқболи солгарди 35-умин ҷашни истиқлоли давлатӣ ва ғайра дода шуд.

www.prezident.tj

# САФАРИ КОРИИ РАИСИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН БА ШАҲРИ КӮЛОБ

**25 ноябр, узви Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва вилоятии ҲХДТ, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид зимни сафари корӣ дар шаҳри Кӯлоб, дар маросими ҳавасмандгардонии хоҷагиҳои деҳқонӣ иштирок намуда, ба онҳо тухфаҳо тақдим намуданд.**



## МУЖДАИ ЗАФАР

Раиси вилоят зимни суханронӣ дар ҶДММ "Тиллои сафед", воқеъ дар деҳаи Обшорон бо хоҷагидорону роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷиҳати иҷрои дурнамои истеҳсоли пахта изҳори сипосу миннатдорӣ намуданд.

Кишоварзони ризқофарини шаҳри Кӯлоб бо шукргузорӣ аз сиёсати созанда ва ободкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон содиқона ва софдилона заҳмат намуда, ба дастовардҳои назарраси меҳнатӣ ноил гардида истодаанд.

Ҳидоятҳои самимӣ ва доимии раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид, ки идомаи пайгиронаи сиёсати пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат мебошад, ба ҷараёни корҳои саҳрои таккони ҷиддӣ расонида истодааст.

Кишоварзон ва аҳли заҳмати шаҳри Кӯлоб баҳри таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат оид ба рушди минбаъдаи соҳаи пахтакорӣ, истифодаи қоидаҳои муосири агротехникӣ ва кишти тухмии хушсифату серҳосил кӯшиш намуданд.

Дар пахтазори шаҳр ҳосили фаровони пахта рӯёнида шуда, дурнамои истеҳсоли пахта дар шаҳр 6000 тонна муайян гардида, меҳнаткашони шаҳр ба санаи 25 ноябри соли 2025 - 6000 тонна тиллои сафедро ҷамъоварӣ намуданд, ки 100 фоизи нақшаро дар бар мегирад.



Дар байни 19 шаҳру ноҳияҳои пахтакор то имрӯз 16 шаҳру ноҳия - Левакант, Бохтар, Дӯстӣ, Ёвон, Данғара, Вахш, Хуросон, Ҷайҳун, Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Кӯшониён, Қубодиён, Шаҳритус, Носири Хусрав, Панҷ ва Кӯлоб пурра аз иҷрои дурнамои пахта баромадаанд.

То имрӯз ноҳияҳои Фархор - 66, Восеъ - 55 ва Ҳамадонӣ - 40 фоиз иҷрои дурнамои пахтаро иҷро кардаанд.

Бояд зикр намуд, ки пахтакорони вилояти Хатлон аз иҷрои дурнамои солонаи ҷамъоварии ҳосили пахта рӯзи 5 ноябр мужда дода буданд. Соли ҷорӣ кишоварзони Хатлон дар майдони 108 ҳазору 265 гектар пахта кишт намуда, то имрӯз беш аз 258 ҳазору 934 тонна пахта ҷамъоварӣ карданд. Ин нишондиҳанда дар муқоиса бо соли гузашта 106 ҳазору 388 тонна зиёд мебошад.

## БОЗДИД АЗ МАҶЛИСГОҲИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ШАҲР

Инчунин, раиси вилоят Давлаталӣ Саид дар доираи сафари кории худ ба шаҳри Кӯлоб аз маҷлисгоҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр, ки баъди анҷоми корҳои таъмиру азнавсозӣ омода гардидааст, боздиднамуд.

Зимни шиносоӣ маълум гардид, ки дар маҷлисгоҳ корҳои таъмирӣ бо риояи стандартҳои муосир иҷро шуда, шароити зарурӣ барои баргузории чорабиниҳои сатҳи шаҳрӣ ва минтақавӣ фароҳам оварда шудааст.

Таъмиру азнавсозии бинои маҷлисгоҳи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр дар доираи таҷлил аз ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида, ҳамзамон дар толори маҷлисгоҳ монитори замонавӣ насб карда шудааст.

Дар рафти корҳои сохтмонӣ зиёда аз 30 нафар сохтмончиёни маҳаллӣ бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин гардиданд. Раиси вилоят ба корҳои анҷомшуда баҳои баланд дода, масъулонро вазифадор намуданд, ки барои истифодаи самараноки ин иншооти муҳим ва ташкили чорабиниҳои бошукӯҳ тамоми шароитро таъмин намоянд.

Дар идома Давлаталӣ Саид бо аҳли зиё, кормандони сохторҳои давлатӣ ва фаъолони шаҳр мулоқоти самимӣ намуданд. Зикр гардид, ки таҳти раҳнамоии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар вилоят ва махсусан шаҳри Кӯлоб корҳои созандагиву бунёдкорӣ дар сатҳи баланд идома доранд ва ҳар як чунин иқдом дар рушду пешрафти инфрасохтор ва ҳаёти иҷтимоии сокинон саҳми арзанда мегузорад.

Ҳамзамон, чанд тан аз намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, фаъолони шаҳри Кӯлоб ба сухан баромада, барои ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат ва таваҷҷуҳи роҳбарияти вилоят ҷиҳати беҳтарсозии шароити иҷтимоӣ ва фароҳамсозии имкониятҳои нав изҳори сипос намуданд.

## ИФТИТОҲИ ОШХОНА ВА МАРКАЗИ ХИЗМАТРАСОНӢ

Бояд қайд кард, ки дар доираи ин сафар раиси вилоят Давлаталӣ Саид дар маҳаллаи Ҷумъа Алии шаҳри Кӯлоб ошхона ва маркази хизматрасонии “Сайвалӣ”-ро ба истифода супорид.

Ин иншооти нав бо ҳадафи рушди инфрасохтори хизматрасонӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ бунёд шудааст.

Корҳои сохтмонӣ дар иншоот соли 2025 оғоз гардида, бо сифати баланд ба анҷом расидаанд. Ошхона ва маркази хизматрасонӣ аз ҷониби соҳибкор Бурҳонов Сайвалӣ бо ҷалби беш аз 10 нафар сохтмончиёни маҳаллӣ бунёд гардидааст.

Бо ба истифода додани иншоот, 18 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин шуданд, ки ин барои беҳбудии вазъи иҷтимоии мардум ва рушди иқтисодии минтақа саҳми муҳим мегузорад. Лоиҳакаши иншоот КВД “Лоиҳакаш”-и шаҳри Кӯлоб мебошад.

Раиси вилоят иқдоми соҳибкорро барои таъмини сокинон бо ҷойи кор шоистаи таҳсин хонда, таъкид намуданд, ки барои ҷалби сайёҳон хизматрасонии босифат анҷом дода шавад.



Зимни ифтитоҳи иншоот барои шахсони имконияташон маҳдуд, оилаҳои камбизоат ва ниёзмандон хони идона ороста шуд. Дар ин замина ба онҳо аз номи раиси вилоят тухфаҳо тақдим гардида, таъкид шуд, ки дастгирии қишри ниёзманд аз ҷониби Ҳукумати мамлакат, хосса Пешвои муаззами миллат, ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳ қарор дошта, ҳаргиз аз мадди назар дур намемонад.

**Хадамоти матбуоти раиси вилояти Хатлон**

# РОҲПАЙМОИИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАҲРИ БОХТАР

**24 ноябр бо ибтикори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят Хатлон дар шаҳри Бохтар бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳпаймоии тантанавӣ баргузор гардид.**





Ин чорабинии сатҳи баланд, ки ҳамасола бо шукӯҳу шаҳомати хоса баргузор мегардад, бар ҷараёни арҷгузорӣ ба яке аз муқаддастарин рамзҳои давлатӣ -Парчами миллӣ равшанӣ бахшид.

Дар роҳпаймоӣ Анзурат Абдусаломзода, муовини раиси вилояти Хатлон, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Абдулмаҷид Муминзод, раиси шаҳри Бохтар, роҳбарони сохторҳои вилоятӣ ва шаҳри Бохтар иштирок намуданд. Тибқи иттилои масъулон, дар ин чорабинӣ беш аз 50 ҳазор нафар намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояту шаҳр, кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, роҳбарон ва фаъолони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ, донишҷӯёну хонандагон, аъзои намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан”, волонтёрони ҳизбӣ, садҳо ҷавонони соҳибистеъдод ширкат варзиданд.

Иштирокчиёни роҳпаймоӣ бо баланд бардоштани парчамҳои давлатӣ ва шиору овезаҳои тарғибкунандаи арзишҳои миллӣ аз хиёбони «Ваҳдат» то саҳни майдони Парчами давлатӣ ҳаракат намуданд. Ин манзараи бошукӯҳ рамзи ваҳдат, худшиносӣ ва муҳаббати бепоёни мардум ба рамзҳои давлатӣ буд.

Пас аз анҷоми роҳпаймоӣ дар назди Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиши идона баргузор шуд. Дар қисмати сиёсии чорабинӣ Анзурат Абдусаломзода суханронӣ намуда, аз номи узви Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва вилоятии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид иштирокчиён ва дар симои онҳо тамоми мардуми шарафманди кишварро бо Рӯзи Парчами давлатӣ табрик гуфт.

Қайд гардид, ки Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун рамзи муҳимтарини давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ мақоми хоса дошта, рангу нишонаҳои он аз таъриху тамаддуни қадимаи миллат сарчашма мегиранд. Ранги сурх далериву ҷасорат, ранги сафед покиву ростӣ ва ранги сабз рушд, сабзиш ва ободиро ифода менамоянд. Тоҷи заррин бо ҳафт ситора бошад, рамзи соҳибистиқлолӣ, давлатдории миллӣ ва ормонҳои олии мардуми тоҷик маҳсуб меёбад.

Дар фарҷоми чорабинӣ бахши фарҳангии идона баргузор гардида, аз ҷониби сарояндагони хушовоз сурудҳои ватандӯстона ва таронаҳои тараннумкунандаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардиданд, ки ба чорабинӣ руҳи баланди меҳанпарастӣ бахшид.

**Аҳлиддини МУБОРАКШОҲ, “Ҳамрози халқ”**

# ЛИВОИ МОСТ – ЛИВОИ ХАЛҚ

**Дар доираи баргузории силсилачорабиниҳо бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар аксияи навбатии ҳизбӣ таҳти унвони «Ливои мост - ливои халқ» доир гардид.**



Ин ташаббуси муҳим бо иштироки фаъолони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ҷавонони ташаббускор, омӯзгорон, намояндагони мақомоти давлатӣ, кормандони ташкилоту муассисаҳои иҷтимоӣ ва аъзову ҷонибдорони ҳизб баргузор карда шуд.

Дар ҷараёни аксия иштирокчиён бо парчамҳои баландбардошта ва шиору овезаҳои дорои мухтавои ватандӯстона қадру манзалати Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро боз ҳам пуррангтар таҷассум намуданд. Зимни баромадҳо масъулон таъкид карданд, ки Парчами миллӣ ҳамчун рамзи соҳибистиқлолӣ, ваҳдат ва ҳувияти давлатӣ дар худ таърихи пурғановати давлатдории тоҷиконро инъикос менамояд. Ин рамзи муқаддас имрӯз барои ҳар як шаҳрванди кишвар мояи ифтихор, ифтихори миллӣ ва такягоҳи маънавӣ дар роҳи созандагиву пешрафт маҳсуб меёбад.

Қайд гардид, ки аксияи «Ливои мост – ливои халқ» танҳо як чорабинии рамзӣ нест, балки иқдоми муҳим дар самти бедории маънавии ҷомеа, таҳкими эҳсоси худшиносии миллӣ ва баланд бардоштани фарҳанги арҷгузорӣ ба рамзҳои давлатӣ мебошад. Иштироки фаъоли насли ҷавон исбот намуд, ки эҳтиром ба Парчами давлатӣ дар қалби онҳо ҷойгоҳи устувор дошта, ин рамз ҳамчун омили муттаҳидкунандаи ҷомеа нақши муҳим мебозад. Ин ташаббус саҳми назарраси ҲХДТ дар тарғиби арзишҳои миллӣ, таҳкими ваҳдат ва муаррифии мақому манзалати рамзҳои давлатӣ мебошад.

Мавриди зикр аст, ки дар доираи аксия беш аз ҳазор нусха варақаҳои иттилоотӣ миёни иштирокчиён ва сокинон тақсим карда шуда, дар онҳо маълумоти мухтасар оид ба таъриху моҳият ва арзиши Парчами давлатӣ ҷой дода шудааст.

**Аҳлиддини МУБОРАКШОҲ, “Ҳамрози халқ”**

# ПАРЧАМ – РАМЗИ ВАҲДАТУ ИФТИХОРИ МИЛЛӢ

**Бахшида ба Рӯзи Парчами давлатӣ таҳти унвони «Парчами миллӣ -рамзи истиқлоли давлатӣ» дар Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ дар вилояти Хатлон чорабинии тантанавӣ баргузор гардид.**



Дар чорабинӣ Наврӯз Ҳусейнзода, муовини раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Қурбонзода Тоҷиддин, мудири бахши тарбияи ватандӯстии Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилоят ва Ҷамшед Маҳмадзода, сардори Раёсати ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ дар вилояти Хатлон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Зимни баромадҳо масъулин таъкид карданд, ки Парчами давлатӣ ифодагари соҳибдавлатӣ, иттиҳоду ягонагии мардуми Тоҷикистон буда, 24 ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст.

Парафшонии парчам дар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, ба монанди Созмони Милали Муттаҳид гувоҳи эътирофи Тоҷикистон ҳамчун кишвари мустақилу соҳибмақом аст. Бо иқдоми Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар аксари шаҳру ноҳияҳо манораҳои Парчами давлатӣ бунёд ёфта, ба баланд гардидани эҳсоси ватандӯстӣ мусоидат мекунанд.

Дар фарҷом, як қатор афсарон бо сипосномаҳои Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон қадрдонӣ карда шуданд.

# ТАВАҶҶУҲИ ДАВЛАТ ВА ДАСТОВАРДҲОИ СЕ СОЛИ ОХИР




**Дар заминаи дастуру супоришҳои Роҳбари давлат ва иқдомҳои созандаи Ҳукумати кишвар ҷиҳати рушди соҳаи тандурустӣ ва беҳтар кардани сифати хизматрасонии тиббӣ дар ноҳияи Кӯшониён тайи се соли охир корҳои созандагию бунёдкорӣ мароми тоза касб намудааст.**

Шамсиддин Ҷовидов, муовини роҳбари Муассисаҳои кумаки аввалияи тиббии ноҳияи Кӯшониён зимни суҳбат иттилоъ дод, ки айни ҳол дар ноҳия 72 муассисаи тиббӣ фаъолият дошта, ба 272 ҳазору 412 нафар хизмати тиббӣ расонида мешавад. Бино ба гуфтаи ӯ, давоми ду соли охир 19 Маркази саломатии деҳотӣ пурра аз таъмир баровар-да шуда, бо таҷҳизоти зарурии муосир таъмин гардидаанд. Ин иқдом имкон дод, ки дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии босифати тиббӣ ва шароити кории кормандони соҳа низ беҳтар гардидааст.

Дар шароити имрӯза, ки техникаи муосир дар пешгирӣ ва табобати бемориҳо нақши муҳим мебозад, муҷаҳҳаз гардонидани муассисаҳои тиббӣ бо асбобу таҷҳизоти зарурӣ як амри муҳиму саривақтӣ мебошад. Дар қисмати зиёди марказҳои саломатӣ дастгоҳҳои ташхисӣ, таҷҳизоти лабораторӣ ва воситаҳои муосири ёрии аввалияи тиббӣ насб гардидаанд.

Бояд қайд кард, ки корҳои созандагию бунёдкориҳо дар доираи нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия сурат гирифта, масъулин талош доранд, ки ҷашни бузурги миллии 35-солагии Истиқлоли давлатиро бо дастовардҳои беназир истиқбол намоянд.

Ба гуфтаи Шамсиддин Ҷовидов, соли равон дар ноҳия 5 адад бунгоҳи тиббӣ бунёд гардид, ки ҳар яке ба талаботи рӯз ҷавобгӯ буда, бо мақсади беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ ва фарогирии бештари аҳолӣ амалӣ шудааст. Чунин шароит барои табибон имконият фароҳам меорад, ки фаъолияти худро дар сатҳи хубу мувофиқ ба талаботи муосир ба роҳ монанд. «Феълан дар ноҳия ду бунгоҳи тиббӣ бо бинои маъмурӣ таъмин нестанд, вале барои сохтмони онҳо қитъаи замин ҷудо шудааст. Аллакай масъалаи бунёди он бунгоҳҳо бо соҳибкорон ҳамоҳанг шудааст, ки дар рӯзҳои наздик кор дар ин самт оғоз мешавад. Мо, масъулин талош дорем, ки ҳарчи барвақттар мушкилоти мавҷудаи соҳаро бартараф намоем»,-мегӯяд Ш. Ҷовидов.

Рушди соҳаи тандурустӣ дар ноҳияи Кӯшониён маҳз дар доираи сиёсати хирадмандона ва иҷтимоии Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифта истодааст. Дар тамоми кишвар ба беҳтарсозии сатҳи хизматрасонии тиббӣ, баланд бардоштани дараҷаи касбии табибон, бунёди беморхонаҳои нав, марказҳои саломатӣ ва таъмини онҳо бо таҷҳизотҳои муосир таваҷҷуҳи хос зоҳир мегардад. Дар ин замина, Мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯшониён, шарикони рушд ва соҳибкорони ватандӯст пайваста тадбирҳои муассир андешида мешавад.

«Дар бахши КАТС-и ноҳия 3 шуъбаи ёрии таъҷилӣ амал мекунад. Яке аз онҳо дар маркази ноҳия, дигаре дар Ҷамоати деҳоти Заргар ва Ҷамоати деҳоти Бохтариён. Онҳо бо мошини ёрии таъҷилӣ ва доруҳои лозимӣ таъмин мебошанд. Табибон сари вақт ба маризон кумаки аввалияи тиббӣ мерасонанд»,-илова кард Шамсиддин Ҷовидов.

Беҳсозии инфрасохтор қадами аввал аст, аммо беҳтар шудани сифати хизматрасонии тиббӣ аз сатҳи касбияти мутахассисон низ вобастагии калон дорад. Дар ин самт, роҳбарияти Муассисаи кумаки аввалияи тиббӣ табибони ҷавонро ҷиҳати пурзӯр намудани маҳорату малакаи касбиашон ба омӯзиши доимӣ ҷалб месозад.

Яке аз самтҳои афзалиятнок дар муассисаҳои тиббии ноҳия пешгирии бемориҳо мебошад. Ҷиҳати риояи қоидаҳои санитарӣ, ғизои солим, варзиш ва тарзи ҳаёти солим мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни аҳолӣ ташкил ва гузаронида мешавад.

Таҳлилҳо ва воқеиятҳои мавҷуда нишон медиҳанд, ки соҳаи тандурустӣ дар ноҳияи Кӯшониён дар марҳилаи рушду такмил қарор дорад. Азнавсозӣ ва таҷҳизонидани 19 Маркази саломатӣ дар ду соли охир то бунёди 5 муассисаи нави тиббӣ далели таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба саломатии мардум аст. Чунин тадбирҳои саривақтӣ бевосита ба беҳсозии шароити зиндагӣ, саломатии ҷомеа ва пешгирии бемориҳо мусоидат мекунанд. Боварӣ аст, ки бо идомаи чунин иқдомҳои созанда, дар ояндаи наздик сатҳи хизматрасонии тиббӣ дар ноҳияи Кӯшониён боз ҳам беҳтар гардида, сокинон аз хизматрасонии муосиру босифати тиббӣ бештар баҳраманд хоҳанд шуд.

**Амонҷон МУҲИДДИНОВ,**
**«Ҳамрози халқ»**

# ҒОЛИБИЯТИ ГУЛИҶОН РӮЗИБОЕВА ДАР ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВӢ

**Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ ва малакаи эҷодиву навоварии наврасону ҷавонони кишвар, бо ташаббуси Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чандин озмунҳои ҷумҳуриявӣ роҳандозӣ гардидааст, ки ин иқдомҳои муҳим ҷиҳати дарёфти истеъдодҳо, дастгирии қишри ҷавон, таҳкими неруи зеҳнӣ ва тарбияи мутахассисони оянда мусоидат намуда, ҳамзамон саҳифаҳои тозаеро дар рушди илму техникаи Тоҷикистони азизамон боз менамояд.**




Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» аз зумраи озмунҳои ҷолибест, ки сол аз сол шумораи довталабон барои иштирок дар он меафзояд. Гулиҷон Рӯзибоева, аз иштирокчиёни озмунҳои ҷумҳуриявиест, ки имсол дар номинатсияи «Ихтироъкорию навоварӣ»-и озмуни "Илм - фурӯғи маърифат" иштирок карда, мақоми аввалро соҳиб гардид. Ӯ вақте дар озмун иштирок кард, ки хонандаи синфи 11-и Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ буд.

Ин дастоварди қобили таҳсин мояи ифтихори аҳли оила устодон ва кулли сокинони ноҳия буда, самараи ҳадафҳои пешгирифта аз таъсиси ин озмун аст, ки ҳамасола бо шарофати он аз ҳисоби наврасону ҷавонони минтақаҳои гуногуни кишварамон даҳҳо нафар истеъдодҳои нав муаррифӣ мешаванд.

Гулиҷон Рӯзибоева аз айёми кӯдакӣ шавқу рағбати беандоза ба корҳои техникиву ихтироъкорӣ дошт. Фориғ аз таҳсил ҳамеша саргарми таҷрибаомӯзӣ, ҷамъоварии маълумот ва омӯзиши техникаҳои соддаву мураккаб буд. Гузашти айём завқу рағбаташ ба як ҳадафи ҷиддӣ табдил ёфт.

Тавре худ иқрор меояд, дар рушди истеъдод ва такмили илму дониши ӯ таваҷҷуҳу дастгирии волидон ва роҳнамоии омӯзгорони Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и зодгоҳаш нақши калидӣ бозиданд. Маҳз роҳнамоии волидону устодон буд, ки Гулиҷон ба озмуни ҷумҳуриявӣ роҳ ёфта, бо пешниҳоди кори эҷодӣ ва навоваронаи худ миёни садҳо довталабон мақоми аввалро соҳиб гардид.

Гулиҷон дар баробари омӯзиш ба мутолиаи китобҳои бадеӣ ва илмӣ завқи беандоза дорад. Ин зарфияти ӯ дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, такмили салиқаи суханварӣ ва фаъолиятҳои эҷодиаш нақши муассир гузоштааст.

Лутфия Ҳафизова, директори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ иброз медорад, ки Гулиҷон Рӯзибоева яке аз беҳтарин шогирдони муассиса буд ва аз овони мактабхонӣ дар ҳама озмуну олимпиадаҳо ва чорабиниҳои илмӣ-фарҳангӣ иштироки фаъолона дошт.

Аз ҳамсолонаш бо ахлоқи ҳамида, сатҳи саводмандӣ, масъулиятшиносӣ ва муносибати босалоҳият ба таҳсил фарқ мекард ва ҳамеша дар саъю талош буд, то ин ки аз дарси омӯзгорон чизи наверо биомӯзад. Дастоварди Гулиҷон натиҷаи бевоситаи омӯзиши пайваста, саъю талош, иродаи қавӣ ва муҳити солими таълимиест, ки дар муассиса барои тарбияи истеъдодҳо фароҳам оварда шудааст, - мегӯяд сарвари муассисаи мазкур.

Мутобиқи иттилои Абдураҳимзода Маҳмурод, директори Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, соли ҷорӣ аз вилояти Хатлон 20 нафар дар озмуни «Илм – фурӯғи маърифат» ҷойҳои якуму дуюм ва сеюмро ишғол намудаанд.

Ин нишондиҳанда собит месозад, ки вилояти Хатлон сарзамини истеъдодҳо буда, тавассути сиёсати созандаи Пешвои миллат барои ҷавонони соҳибистеъдод имкониятҳои бесобиқа фароҳам оварда шудааст. Марказҳо, озмунҳо, маҳфилҳои эҷодӣ ва шароити муосири мактабҳо имкон медиҳанд, ки ҷавонон маҳорати худро сайқал дода, ба дастовардҳои назаррас ноил гарданд.

Айни замон Гулиҷон Рӯзибоева таҳсилро дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ идома дода истодааст. Ӯ ният дорад донишҳои андӯхтаашро такмил дода, дар оянда ҳамчун мутахассиси соҳаи навоварию ихтироъкорӣ ба рушди илми ватанӣ саҳми арзанда гузорад.

Ба андешаи ӯ ҷавонони имрӯза бояд дорои донишҳои муосир, ҷаҳонбинии васеъ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулияти баланди шаҳрвандӣ бошанд. Зеро тавре, ки Пешвои миллат борҳо таъкид намудаанд: "Ҷавонон қувваи созанда ва ояндаи дурахшони Тоҷикистонанд".

Дастоварди Гулиҷон Рӯзибоева намунаи равшани он аст, ки ҳар ҷавони соҳибистеъдод метавонад бо меҳнат, саъю кӯшиш ва дастгирии падару модар ва муассисаҳои таълимие, ки дар он илму дониш маендӯзанд, ба дастовардҳои бузург ноил гарданд. Зеро сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат дар самти рушди илму маориф, ташкили озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва эҷоди фазои созандаи маърифатӣ барои ҷавонон заминаи муҳиму устуворero муҳайё сохтааст.

Ин дастовардҳо собит месозанд, ки ҷавонони вилояти Хатлон дар ҳама сатҳҳо тавони рақобати илмӣ ва эҷодиро доро мебошанд. Аз ҷумла, дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ солҳои охир таваҷҷуҳи махсус ба рушди маҳфилҳои фаннӣ ва эҷодӣ зоҳир гардида, дар самти татбиқи лоиҳаҳо дастоварду навгониҳо мушоҳида мегарданд.

Ҳамзамон, ғолибияти ҷавондухтароне ба мисоли Гулиҷон Рӯзибоева омили дучанд гардидани таваҷҷуҳи духтарон ба илму ҳунаромӯзӣ ва саъю талош ҷиҳати иштироки фаъолона дар озмуну мусобиқаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва фаротар аз он арзёбӣ гардида, ба рушди илм дар кишварамон ва баланд гардидани Прачами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат хоҳанд кард.

**Аҳлиддини МУБОРАКШОҲ,**
**"Ҳамрози халқ"**

## АЗ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОӢ

# ОБОДОНӢ АЗ ДЕҲА ОҒОЗ МЕЁБАД



**ДАНҒАРА**

Дар доираи усули корбарии "Деҳа ба деҳа" вохӯрии муштараки сохторҳои дахлдори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар якҷоягӣ бо Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳия дар деҳаи Корез баргузор гардид.

Дар чорабинӣ муовини раиси ноҳия Зуҳрои Маҳмадсаид, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Воҳид Дилафрӯз ва намояндагони дигар сохторҳои марбута иштирок намуданд.

Масъулин зимни суханронӣ доир ба муҳтавои Паёму дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолони вилояти Хатлон ва Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ санаи 17 июли соли равон андешаронӣ намуда, аҳамияти корҳои созандагиву тарғиботӣ, пешгирии зуҳуроти ифротгароӣ, баланд бардоштани маърифати шаҳрвандӣ, захираи маводи ғизоӣ, истифодаи оқилонаи неруи барқ ва ҷашни 35-солагии Истиқлолро муҳим арзёбӣ карданд.

Ҷамъомадагон ба таҳкими ваҳдати миллӣ, худшиносии шаҳрвандон ва татбиқи ташаббуси ҳизбӣ таҳти унвони "365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ" даъват гардиданд.

# ОМОДАГИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ БА МАВСИМИ ЗИМИСТОНГУЗАРОНӢ



**Бо фаро расидани рӯзҳои сард ва оғози мавсими тирамоҳу зимистон масъалаи таъмини бехатарӣ, гармидиҳӣ, равшанӣ ва муҳити мусоиди таълимӣ дар муассисаҳои таълимии соҳаи маорифи вилояти Хатлон аҳамияти хосса пайдо мекунад.**

Бояд қайд кард, ки Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шуъбаи маорифи ноҳияи Ёвон, тайи солҳои охир масъалаи омодагӣ ба мавсими сармо ва раванди таълиму тарбияро зери назорати ҷиддӣ қарор додааст.

Тибқи маълумотҳои сармутахассиси шуъбаи маорифи ноҳияи Ёвон Саидбек Бобоев, муассисаҳои таълимии ноҳия ба зимистони солҳои 2025-2026 омодагии хуб дидаанд. Мувофиқи санҷишҳои гузаронидашуда аз ҳисоби захираи соли гузашта дар анборҳои муассисаҳои таълимӣ 65 тонна ангишт боқӣ мондааст, ки барои гузаронидани тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026 истифода бурда мешавад. Бо дарназардошти захираи боқимондаи маводи сӯзишворӣ айни замон дар муассисаҳои таълимӣ ба миқдори 1235 тонна ангишт, зиёда аз 1211 куб ҳезум, захира карда шудааст.

Қобили зикр аст, ки дар давраи тирамоҳу зимистон талаботи муассисаҳои таълимии ноҳия ба сӯзишвории дизелӣ каму беш аз 7566 литрро ташкил медиҳад. Бинобар ин, барои омодагӣ ба фасли зимистони соли хониши 2025-2026 ҷиҳати харидории сӯзишвории дизелӣ барои муассисаҳои таълимӣ 1 миллиону 57 ҳазору 610 сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст.

Бинобар гуфтаи Саидбек Бобоев, дар доираи омодагӣ ба фасли сармо дар муассисаҳои таълимии ноҳия 12 адад буғхона, 65 генератори барқӣ, 306 адад гармкунакҳои барқӣ, 1169 адад бухорӣ фароҳам оварда шудааст. Таъмини муассисаҳои таълимӣ бо гармӣ аз муҳимтарин масъалаҳоест, ки дар ин шабу рӯз дар сатҳи шуъбаи маориф ва тамоми муассисаҳои таълимии ноҳия мавриди баррасии ҷиддӣ қарор дорад. Ҳамзамон, то имрӯз аз ҷониби масъулони шуъбаи маорифи ноҳия вазъи омодагии муассисаҳои таълимӣ ба сардиҳои пешомад мавриди санҷиш қарор дода шуда истодааст. Илова бар ин, бо супориши роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ёвон аз оғози моҳи сентябр гурӯҳҳои корӣ зимни боздид аз муассисаҳои таълимӣ ҳолати техникии печҳои аловӣ, ҳаҷми захираи ангишт, ҳезум ва дигар лавозимоти заруриро мавриди санҷиш қарор додаанд. Дар рафти санҷишҳо қисмҳои таъмирталаби қубурҳои гармидиҳӣ азнавсозӣ гардида, ҳамчунин, ба якчанд муассисаҳои таълимӣ генератори барқӣ дастрас карда шуд.



Дар раванди талаботи рӯзафзуни ҷомеа ба илму касбомӯзӣ фаъолияти соҳаи маориф бидуни истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва алоқаи интернет имконнопазир аст. Бо ин мақсад, дар соли таҳсили 2025-2026 якчанд муассисаҳои таълимии маркази маъмурӣ ва ҳам деҳоти дурдасти ноҳия бо хатҳои махсуси алоқаи интернет ва ҳам воситаҳои муосири дастрасӣ ба алоқаи интернет таъмин гардидаанд.

-Ҳадафи асосии мо масъулин ин таъмини раванди таълим дар ҳамаи шароити иқлимӣ мебошад ва бо ин мақсад, корҳои омодагӣ ба сардиҳои зимистон сари вақт ва бо маблағгузории лозима анҷом дода шуданд. Дар ин росто, мо вазифадорем, ки барои хонандагону омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар баробари шароитҳои илму донишандӯзӣ, ҳамзамон, аз тамоми воситаҳои гарм нигоҳ доштани синфхонаҳо дар фасли зимистон самаранок истифода намоем.

Аз суҳбат бо масъулони шуъбаи маорифи ноҳияи Ёвон чунин бармеояд, ки рафти омодагии муассисаҳои таълимӣ дар ноҳия ба мавсими зимистони солҳои 2025-2026 дар сатҳи баланд қарор дорад.

Ба гуфтаи Наврӯз Шодизода, як масъули Раёсати маорифи вилояти Хатлон ба ҳолати 10-уми ноябри соли равон нақшаи ангишт дар муассисаҳои таълимии вилоят 98 фоиз, ҳезум 96 фоиз ва сӯзишвории дизелӣ 43 фоиз иҷро шудааст.

**Адиба НОДИРОВА,**
**“Ҳамрози халқ”**

# АКСИЯИ ТАБЛИҒОТӢ



### ҚУБОДИЁН

24 ноябри соли ҷорӣ дар ноҳияи Қубодиён бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аксияи таблиғотии ҳизбӣ таҳти унвони “Парчам-рамзи саодати миллат” баргузор гардид. Аксияи мазкур бо иштироки раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён баргузор шуда, ҳадафи асосии он таҳкими ҳисси ватандӯстӣ, эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ ва боло бурдани маърифати шаҳрвандӣ арзёбӣ гардид.

Аксия дар назди бозори марказии ноҳия доир гардида, дар ҷараёни он ба шишаҳои пеши автомобилҳои сокинон ва меҳмонони ноҳия акси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон насб карда шуд. Ин иқдом ҳамчун рамзи арҷгузорӣ ба заҳматҳои Пешвои миллат дар роҳи таҳкими давлатдорӣ, сулҳу субот ва баланд бардоштани мақому манзалати Парчами давлатӣ сурат гирифт.

Масъулони ҳизбӣ зимни баргузории аксия бо шаҳрвандон суҳбат ороста, таъкид намуданд, ки Парчами давлатӣ яке аз муқаддасоти миллат буда, ҷавонон ва наврасон бояд ба рамзҳои давлатӣ эҳтироми хоса зоҳир намоянд.

## АЗ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОӢ

# ВОХӮРИИ СУДМАНД БО ҶАВОНОН

### МУЪМИНОБОД



Дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3 ноҳияи Муъминобод вохӯрии маърифативу тарбиявӣ бо иштироки масъулони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия баргузор гардид. Ҳадафи асосии ҳамоиш баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонбинӣ, тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва бедории ахлоқиву ҳуқуқии наврасону ҷавонон арзёбӣ шуд. Дар чорабинӣ Суҳроби Бозоралӣ, мудири шуъбаи таблиғот ва иттилоот ва Каримов Муҳаммадҷон, мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва занони назди Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия, иштирок ва суханронӣ намуданд. Масъулин зикр карданд, ки ҷавонон неруи асосии созандагии ҷомеа буда, вазифадоранд, ки ба таҳсил, тарбия, одоби ҳамида ва риояи арзишҳои миллӣ диққати ҷиддӣ диҳанд. Гуфта шуд, ки худшиносии миллӣ, эҳтиром ба қонун, риояи тартиботи ҷамъиятӣ ва ҷилавгирӣ аз ҳар гуна кирдорҳои зиддиахлоқӣ бояд дар рафтори ҳар як наврасу ҷавон ҷойгоҳи муҳим дошта бошад. Инчунин таъкид гардид, ки насли наврас бояд дарк намояд, ки интихоби роҳи дурусти зиндагӣ аз масъулияти шахсӣ ва талоши доимӣ вобаста аст.

# ДӮСТӢ: ТАВАҶҶУҲ БА РУШДИ СОҲАИ АНОРПАРВАРӢ



**Анорпарварӣ аз соҳаи сердаромад дар ноҳияи Дӯстӣ ба ҳисоб рафта, дар баробари хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчунин, қишри аъзами аҳолии ин ноҳия дар қитъаҳои наздиҳавлигии худ парвариши боғҳои анорро васеъ ба роҳ мондаанд.**

Тавре сокинони ноҳия иброз медоранд, таҷдиди хоҷагиҳои калони пахтакорӣ ба хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ ба боғпарварони ноҳия имкон фароҳам овард, ки майдони боғистонҳои анорро чанд маротиба зиёд намоянд.

Рустам Хоҷаев, сокини деҳаи Анорбоғи ноҳияи Дӯстӣ ҳанӯз аз соли 1996 дар масоҳати 1 гектар замини сахмияҳои аҳли оилаашон хоҷагии деҳқонӣ таъсис дода буд. Тӯли қариб 30-соли киштукор парвариши зироатҳои гуногуни кишоварзӣ ва баъдан бунёди боғи анор, замин манбаи асосии пешбурди рӯзгори хонаводаи онҳо ба ҳисоб меравад. Ба гуфтаи ӯ гарчанде, ки бар асари сардиҳои фасли зимистони чанд соли пешин боғистонҳои анор хушкида буданд, вале мардум дубора ба хотири барқарор намудани ин соҳаи сердаромад камари ҳиммат бастанд, ки инак дар соли дуввум ҳосили аввали боғҳои навбунёдро ҷамъоварӣ карда истодаанд.

- Ниҳоли анор баъди се соли парвариш ба ҳосил даромада, тамоми хароҷоти худро мепӯшонад. Аз сӯи дигар, баъди ҳосилдеҳ шудани дарахтони анор барои нигоҳубини онҳо хароҷоти зиёд лозим намеояд. Муҳим анорпарварон қоидаҳои нигоҳубину парвариши боғи анорро дуруст риоя намоянд, яъне ниҳолонро сари вақт коркард намуда, бо тавсияи мутахассисон яхобмониро анҷом диҳанд. Ҳамчунин, барои серҳосил шудани боғистон анор мебояд дар фаслҳои зимистон ё оғози баҳор бехи дарахтонро нарм карда, бо пору ва дар ҳар мавсими сол як бор бо нуриҳои минералӣ таъмин намуд.

Аз баракати боғистони анори хоҷагии деҳқониамон рӯзгори оиларо таъмин намуда, ҳам аз фоидаи барзиёди фурӯши ин меваи хуштаъм соҳиби ҳама асбобу воситаҳои рӯзгор шуда истодаем,- мегӯяд Рустам Хоҷаев.

– Дар ин шабу рӯз анорпарварон ҳосили боғҳои хоҷагиҳои деҳқонии худро ҷамъоварӣ намуда, дар таҳхонаву анборҳои махсус захира карда истодаанд. Як бартарии муҳими ин меваи биҳиштӣ дар он аст, ки дар сурати нигоҳ доштани он дар ҳарорати мутобиқ, ҳатто то як сол сифати худро гум намекунад, аз ин лиҳоз бештари боғпарварон ҳосили хоҷагиҳои деҳқониро то баҳорон нигоҳ дошта, баъдан ба фурӯш мебароранд.

Бинобар гуфтаи боғпарвари соҳибтаҷриба дар рафти нигоҳубину парвариши дарахтони анор, бахусус, айёми гулбандӣ ва бороварӣ мебояд, ки дарахтон ва атрофи боғҳои анорро бо заҳрхимикатҳои дорои сертификати сифат коркард намуд. Умуман, барои пешбурди фаъолияти боғдорӣ ва ҳосили хуб ба даст овардан, илова ба донишу таҷрибае аз падару бобоёнамон азбар намудаанд, ҳамзамон ҳамкориро бо мутахассисони соҳаи кишоварзӣ тақвият бахшид. Зеро дар замони тағйирёбии иқлим, солҳои камбориш ё сербориш омадани фаслҳои тирамоҳу зимис-тон ва баҳор, ё ин ки сардиҳои тӯлонии фасли зимистон, деҳқонону боғпарварон ҳатман ба машварату роҳнамоии мутахассисони соҳаи кишоварзӣ эҳтиёҷ доранд.

Қобили қайд аст, ки боғпарварони ноҳияи Дӯстӣ дар таъмини бозорҳои кишвар бо меваи анор ва афзоиши ҳаҷми содироти он ба хориҷи кишвар саҳми ниҳоят муҳим доранд. Тибқи иттилоъ то сардиҳои солҳои гузашта, ки боиси хушкидани қисмати зиёди боғистонҳои анор дар ин ноҳия гардид, масоҳати боғҳои анори хоҷагидорон ҳудуди 750 гектарро ташкил медод. Хушбахтона, давоми ду соли охир бо дастгириву роҳнамоии роҳбарияти олии мамлакат масоҳати умумии боғҳои анор дар ҳама шаклҳои хоҷагидории ноҳияи Дӯстӣ ба 1000 гектар расонида шудааст.

Мавриди зикр аст, ки ҳанӯз дар оғози соли ҷорӣ зимни як нишасти матбуотӣ Нишонзода Даврон, раиси ноҳияи Дӯстӣ иброз дошт, ки баъди сардиҳои зимистони солҳои 2021-2022 боғпарварону хоҷагидорони ноҳия ноумед нашуда, барои рушду ривоҷи дубораи соҳаи анорпарварӣ камари ҳиммат бастанд. Ҳамакнун, дар соли 2025 анорпарварон нахустин ҳосили боғистонҳои навбунёдро ҷамъоварӣ хоҳанд намуд. Заҳматкашони ноҳия умедворанд, ки дар соли 2026 аз ҳосили фаровони анорбоғҳои ноҳия дар таъмини бозорҳои дохилу хориҷ аз кишвар саҳми пешоҳангӣ хоҳанд гузошт.

Боғпарварони ноҳияи Дӯстӣ бо нишони шукргузорӣ аз дастгириву ғамхориҳои Сарвари давлат ва ҳам роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, азм намудаанд, ки дар солҳои оянда бо бардоштани ҳосили фаровон аз боғҳои анор дар рушду ободии диёри хеш саҳми дучанд хоҳанд гузошт. Ба гуфтаи Рустам Хоҷаев дар баробари таваҷҷуҳ ба рушди соҳаи боғдорӣ, ҳамзамон, бо дастури Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои хоҷагидорону сокиноне, ки ҳосили боғҳои анору дигар меваҷоту сабзавоти худро дар шафати шоҳроҳ ба фурӯш гузоштаанд, шароитҳои беҳтар фароҳам оварда мешавад.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки дар киёс ба бозору марказҳои тиҷоратӣ нарху навои анор ва дигар меваю маҳсулоти кишоварзӣ дар шафати роҳҳои мошингарди ҳудуди ноҳияи Дӯстӣ дучанд арзон аст. Аз сӯи дигар, арзи ҳастӣ намудани гӯшаҳои деҳқон дар шафати шоҳроҳу дигар роҳҳои мошингард, имкон медиҳад, ки марди деҳқон вақт ва маблағи зиёдатӣ хароҷот накарда, ҳосили ба заҳмат парвардаи худро дар назди манзилу маҳаллаҳои зисти худ ба фурӯш гузоранд.

Ҳамсуҳбати мо Рустам Хоҷаев бошад, дар баробари боғдорӣ аз растаҳои озоди дарахтони анори хоҷагии худ киштукори беда ва дигар зироатҳоро ба роҳ мондааст, ки аз ин ҳисоб ҳам аз заминҳои зархези диёр фоидаи бештар ба даст меорад. Итминони комил дорам, ки мурури рушди соҳаи боғпарварӣ роҳбарияти ноҳия бо ҷалби соҳибкорону сармоягузорони ватандӯст дар бунёди корхонаҳои коркарди мева, бахусус, истеҳсоли шарбати анор муваффақ хоҳанд гардид. Зеро дар доираи татбиқи ҳадафи чаҳоруми стратегии мамлакат - саноатикунонии босуръати кишвар, бунёди корхонаҳои коркарди меваю сабзавот ва дигар масҳулоти маҳаллӣ ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамчунин, дар баробари ба фаъолият пардохтани корхонаҳои коркарди меваю сабзавот сокинон бо шарбату нӯшобаҳои хушсифат ва аз лиҳози экологӣ тоза таъмин шуда, деҳқонон бошанд аз ҳосили ба заҳмат парвардаи худ даромади бештар ба даст хоҳанд овард,- мегӯяд Рустам Хоҷаев.

**Ҷамолиддин УСМОНИЁН,**
**“Ҳамрози халқ”**

## АЗ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОӢ

# ПАРЧАМ-РАМЗИ САРБАЛАНДИИ МИЛЛАТ




**ВОСЕЪ**

Ба муносибати Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Восеъ аксияи ҳизбӣ таҳти унвони "Парчам - рамзи сарбаландии миллат" баргузор гардид.

Дар чорабинӣ масъулини Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб бо аъзои намояндагии ТҶҶ "Созандагони Ватан", волонтёрони ҳизбӣ варақаҳои иттилоотиро бо суханҳои табрикотӣ ба сокинон тақдим карданд.

Зимни аксия таъкид гардид, ки арҷгузорӣ ба рамзҳои давлатӣ нишонаи аслии ватандӯстӣ ва эҳтироми устувор ба истиқлолият мебошад. Аксия бо руҳияи баланди миллӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ баргузор шуд.

# МУМФАРШКУНИИ РОҲҲО



## ДӮСТӢ

Ба истиқболи 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи татбиқи ташаббуси ҳизбӣ таҳти унвони “365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ” дар деҳаву маҳаллаҳои ноҳияи Дӯстӣ корҳои ободонӣ идома доранд.

Дар ҳамин замина, дар деҳаи Роҳи нави Ҷамоати деҳоти Деҳқонобод бо дастгирии фаъолон, аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, соҳибкорони ватандӯст ва сокинони маҳаллӣ роҳҳои дохили деҳа мумфарш ва қисман сангфарш карда шуданд.

Мавриди зикр аст, ки саҳми раиси ташкилоти ибтидоии “МНДРА” Атовуллоев Хайриддин ва аъзои ташкилоти ибтидоии ҳизбии мазкур дар татбиқи босифати корҳо назаррас буда, бо истифода аз техникаҳои зарурӣ корҳои мумфаршкунӣ ва сангфаршкунӣ дар муҳлатҳои кӯтоҳ анҷом ёфтанд.

Ин иқдом дар самти беҳбудии инфрасохтори маҳаллӣ ва шароити зиндагии сокинон аҳамияти муҳим дошта, идомаи он дар дигар қисматҳои деҳа низ ба нақша гирифта шудааст.

# САҲМИ СОҲИБКОРОН ДАР ОБОДИИ МАҲАЛ

## ЁВОН



Дар доираи татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ташаббуси ҳизбӣ таҳти унвони “365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ” бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ Сатторов Абдуҷамил, соҳибкори саховатманд, узви фаъоли Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Ёвон ба бинои нави Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №69 ташриф оварда, саҳми арзишманди худро дар корҳои сохтмонӣ гузошт.

Зимни боздид Сатторов Абдуҷамил маблағи иҷрои корҳои болопӯшии иншоотро ба сохтмончиён супорид ва барои харидории маводи сохтмонӣ кумак расонд. Бояд қайд кард, ки ин иқдомҳои нек нишонаи эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва ғамхорӣ нисбат ба рушди соҳаи маориф буда, намунаи ибрат барои дигар фаъолон, соҳибкорони саховатпеша маҳсуб мешаванд.

# ТАРҒИБИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ



## ТЕМУРМАЛИК

Дар деҳаи Булбулони Ҷамоати деҳоти Кушктеппаи ноҳияи Темурмалик вохӯрии гурӯҳи корӣ бо сокинон баргузор гардид.

Чорабинӣ дар доираи нақшаи муштараки Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия ва Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Темурмалик амалӣ шуд. Дар вохӯрӣ Раҷабзода Маҳмадсаид, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия, Сафарзода Баҳодур, мудири бахши Хадамоти муҳоҷират ва намояндагони Ҷамоати деҳоти мазкур иштирок карда, оид ба муҳтавои Паёми Президенти мамлакат, таҳкими ҳувияти миллӣ, пешгирии ифротгароӣ, баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон суханронӣ намуданд.

Зимни суҳбат ба зарурати иҷрои қонунҳои миллии кишвар, аз ҷумла Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак”, “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” ва иқдомҳои амалии ҲХДТ дар доираи “365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ” таъкид шуд.

Мақсад аз баргузории чунин вохӯриҳо баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандӣ ва омодагӣ ба истиқболи сазовори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ мебошад.

Дар навбати худ, чанде аз иштирокдорон аз баргузор гардидани чунин вохӯрии судманд изҳори хушнудӣ карда, таъкид намуданд, ки мардуми сарбаланди тоҷик омодаанд бо масъулияти баланд дар амалисозии дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳмгузор бошанд ва дар пешрафти ҷомеа, ободии Ватан ва ҳифзи арзишҳои миллӣ нақши фаъол дошта бошанд.

# ҶАВОНОН - СОЗАНДАГОНИ ФАРДОИ ВАТАН

## ВАХШ



Дар доираи нақшачорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Вахш вохӯрии масъулин бо аъзои намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан” дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2 таҳти унвони “Бо парчами худ ифтихор дорем” баргузор шуд.

Масъулин зимни баромадҳо оид ба дастовардҳои Истиқлолият ва вазъи ҷаҳони имрӯза сухан гуфта, ҷавононро ба хушмандӣ, нигоҳ доштани ҳувияти миллӣ ва зиракии сиёсӣ даъват намуданд. Зикр шуд, ки ояндаи миллат дар дасти ҷавонон буда, онҳо бояд бо донишу малакаи худ барои пешрафти Ватан саҳм гузоранд.

Ҳамзамон, аз иштироки фаъолонаи ҷавонон дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ монанди “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Илм - фурӯғи маърифат”, “Тоҷикистон – Ватани азизи ман” ва “Шоҳномахонӣ” даъват ба амал оварданд.

# ТАБЛИҒОТ БО УСУЛИ “ХОНА БА ХОНА”

## БАЛҶУВОН

Дар ноҳияи Балҷувон, дар деҳаи Лаъликонӣ бо иштироки Зоирзода Маърифат Оймаҳмад, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия ва А. Қодирзода, муовини аввали раиси ноҳия вохӯрӣ бо усули “Хона ба хона” баргузор гардид.

Зимни суҳбат масоили муҳим, аз ҷумла истифодаи оқилонаи обу барқ, даъвати ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии ҳодисаҳои номатлуб, аз ҷумла терроризму экстремизм ва самаранок истифода бурдани заминҳои наздиҳавлигӣ баррасӣ шуд.



Масъулин сокинонро ба иштироки фаъолона дар ташаббуси ҳизбӣ таҳти унвони “365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ” бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ даъват карданд.

**Ҳамрози халқ**
Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Моҳи январи соли 2024 таҳти рақами №412/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Зебо Икромзода**

Ҳайати мушовара: **Давлаталӣ Саид**, раиси вилояти Хатлон, **Анзурат Абдусаломзода**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Саидзода Ҷамшед Ҳамро**, раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Раҷабалӣ Худоёрзода, Аҳлиддини Муборакшоҳ, Адиба Нодирова** рӯзноманигор, **Меҳроб Салимбеков**, саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-12-12**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **www.hkhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hkhdtkhatlon.tj**



Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Мега-Принт» бо теъдоди **24030** нусха нашр шуд.